# АСОСҲОИ ҲУҚУҚӢ БАРОИ ИНТИХОБИ ЧОРАИ ПЕШГИРӢ ДАР ҶТ

## ЧОРАҲОИ ПЕШГИРИРО КӢ ТАТБИҚ МЕКУНАД, ТАҒЙИР МЕДИҲАД ВА БЕКОР МЕКУНАД

**Бо қарори Судя ё таъиноти Суд**

- **Ба ҳабс гирифтан**
- **Ҳабси хонагӣ**
- **Гарав**

**Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя қарор мебароранд**

- **Забонхат дар бораи нарафтан аз маҳалли истиқомат**
- **Кафолати шахсӣ**
- **Супоридани хизматчии ҳарбӣ таҳти назорати фармондеҳии қисми ҳарбӣ**
- **Таҳти парасторӣ супоридани ноболиғ**
- **Гарав**

## ЧП НИСБАТИ КӢ ТАТБИҚ ШУДА МЕТАВОНАД?

**МУҲИМ! БОЗДОШТИ ГУМОНБАРШУДА, АЙБДОРШАВАНДА ВА СУДШАВАНДА БО МАҚСАДИ ИСТИФОДАИ ШИКАНҶА, ИНЧУНИН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ ҶИСМОНӢ ВА РӮҲӢ МАНЪ АСТ.**

### ГУМОНБАРШУДА

- То эълони айб на зиёда аз 10 шабонарӯз ба ҳабс гирифтан. Пас аз гузаштани 72 соат чораи пешгирӣ интихоб карда мешавад.

### АЙБДОРШАВАНДА

- На зиёда аз 2 моҳ ба ҳабс гирифтан. Ин мӯҳлат метавонад аз ҷониби судя ба мӯҳлатҳои зерин дароз карда шавад:
- То 6 моҳ
- То 12 моҳ агар шахс дар содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин айбдор дониста шавад
- То 18 моҳ агар шахс дар содир намудани ҷинояти махсусан вазнин гунаҳкор дониста шавад

### СУДШАВАНДА

- Барои таъмини иҷрои ҳукм

**Ҳолатҳои мазкур ба назар гирифта мешаванд:**
Кирдорҳои гумонбаршуда/айбдоршаванда, шахсият, сину сол, саломатӣ, шакли фаъолият, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, ҷойи истиқомати доимӣ ва ғ. (ҳолатҳои сабуккунандаву вазнинкунанда, муносибат бо ҷомеа ва атрофиён, ҳолатҳои ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудан, маҳдудгардонии қобилияти амалкунӣ ва ғ).

Чораҳои пешгирӣ - амалҳои маҷбурие мебошанд, ки дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда барои пешгирии аз тарафи онҳо содир шудани ҷиноят ё ҳаракатҳои халалдоркунандаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, инчунин барои таъмини иҷрои ҳукм татбиқ карда мешаванд.

## ЧОРАҲОИ ПЕШГИРИИ МАХСУС ҲАНГОМИ МАВҶУД БУДАНИ АЛОМАТҲОИ ХОС ДАР АЙБДОРШАВАНДА

### НОБОЛИҒ

1. Таҳти парасторӣ супоридани ноболиғ
2. Ба ҳабс гирифтан танҳо дар ҳолатҳои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин
3. Дароз намудани муҳлати ҳабс дар тафтишоти пешакӣ то 6 моҳ
4. Ҳангоми ба ҳабс гирифтан ё дароз намудани муҳлати ҳабс волидайн ва ё дигар намояндагони қонунӣ хабардор карда мешаванд.

### ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ

1. Нусхаи қарор ё таъиноти татбиқи чораи пешгирӣ ба ҳайати фармондеҳӣ, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда таҳти назорати он супорида шудааст, дода мешавад.
2. Ҳайати фармондеҳӣ ҳуқуқ дорад чораҳои дахлдори пешбининамудаи Оинномаи интизомии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро андешад, ва дар вақти лозима ҳозир шудани онҳоро бо даъвати мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ таъмин кунанд.

## НИЗОМИ ЧОРАҲОИ ПЕШГИРӢ

### МАҶБУРКУНИИ ҶИСМОНӢ

- **Озодии шахсии айбдоршавандаро маҳдуд намуда ӯро аз ҷомеъа ҷудо нигоҳ медоранд. Бо дараҷаи вазнинии чораҳои пешгирӣ маҳдудиятҳои мӯҳлатноки амал мекунанд.(м.112 КМҶ ҶТ)**

**БА ҲАБС ГИРИФТАН. (М.111 КМҶ ҶТ)**
**ҲАБСИ ХОНАГӢ. (М.110 КМҶ ҶТ)**

### МАҶБУРКУНИИ РУҲӢ

- **Бо таъсири шахси сеюм асос мегирад**

**КАФОЛАТИ ШАХСӢ. (М.106 КМҶ ҶТ)**
**СУПОРИДАНИ ХИЗМАТЧИИ ҲАРБӢ ТАҲТИ НАЗОРАТИ ФАРМОНДЕҲИИ ҚИСМИ ҲАРБӢ. (М.107 КМҶ ҶТ)**
**ТАҲТИ ПАРАСТОРӢ СУПОРИДАНИ НОБОЛИҒ. (М.108 КМҶ ҶТ)**
**ГАРАВ , КИ АЗ ҶОНИБИ ШАХСИ СЕЮМ ПАРДОХТ МЕШАВАД.(Қ.3, М.109 КМҶ ҶТ)**

- **Аз ҳама чораи пешгирии сабук, ки таркиби он шахсро руҳан ӯҳдадор намуда, бо дигар шаҳрвандон алоқамандӣ надорад**

**ЗАБОНХАТ ДАР БОРАИ НАРАФТАН АЗ МАҲАЛЛИ ИСТИҚОМАТ. (М.105 КМҶ ҶТ)**

- **Бо пешниҳоди худи айбдоршаванда интихоб гардида, ҳуқуқҳои ӯ оиди доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудани моликият маҳдуд карда мешавад. Нисбат ба гумонбаршуда ё айбдоршавандаи дар содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин татбиқ намегардад.**

**ГАРАВ (М.109 КМҶ ҶТ)**

## КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 19**
.....Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад....

**Моддаи 20**
...Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад....

**Моддаи 21**
*...Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад....*

## КАФОЛАТҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ҲАНГОМИ МАҲДУД НАМУДАНИ ОЗОДӢ ЗИМНИ ИНТИХОБИ ЧП

### НАЗОРАТИ СУДӢ

- **Чораи пешгирӣ дар асоси қарори судя ё таъиноти суд қабул мегардад: ба ҳабс гирифтан, гарав ва ҳабси хонагӣ;**
- **Маҳдудиятҳои қатъии мӯҳлати нигаҳдорӣ ва пешниҳоди маводҳо ба суд.**
- **Аз лаҳзаи ба суд ворид шудани маводҳо оиди интихоби чораи пешгирӣ муайян намудани муҳлати баррасӣ ва шикоят**
- **Иштироки ҳатмии гумонбаршаванда, айбдоршаванда, прокурор, ҳимоятгар зимни интихоби чораи пешгирии дар ҳабс нигоҳ доштан**
- **Ҳуқуқи шикоят аз болои қарори суд**

### МАҲДУДИЯТҲОИ МУРОФИАВИИ ЧП

- **Таъини ЧП ба ҳабс гирифтан нисбати гумонбаршуда на зиёда аз 10 шабонарӯз**
- **Маҳдудиятҳои мурофиавии муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан**
- **Кафолатҳои махсус нисбати ноболиғон**
- **Ҳуқуқи шинос шудан бо қарор\таъинот оиди таъин иваз ва бекор намудани ЧП**
- **Бекор ё тағйир додани ҳабси хонагӣ ва ба ҳабс гирифтан то давраи тафтиши судӣ**
- **Агар айб дар муҳлати муайянгардида эълон нашуда бошад шахс фавран озод карда мешавад.**

### ҲУҚУҚИ ШИКОЯТ ВА РӮЁНИДАНИ ЗАРАР АЗ ДАСТГИРКУНИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ

- **Дар сурати ғайриқонунӣ қабул намудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ва забонхат оиди нарафтан аз маҳалли истиқомат зарари моддиву маънавӣ рӯёнида мешавад**